Маркази тайёр намудани таъомҳои халқҳои ҷаҳон

**Ҷиҳати иҷрои супориши Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25.10.2017 таҳти рақами №10 оид ба омода намудани ошпазҳо ва пешхизматҳои касбӣ бо ҷалби мутахассис аз хориҷи кишвар**

Бо мақсади тайёр намудани ошпазон в пешхизматҳо донишгоҳ корро дар ду самт ба роҳ монд: азнавсозии озмоишгоҳҳои тайёр намудани хӯрокҳои гуногун ва ҷалби мутахасис аз хориҷи кишвар.

**Барои ташкили озмоишгоҳи тайёр намудани хӯрокҳои миллӣ ва Аврупоӣ донишгоҳ ба маблағи зиёда аз 133 000 сомонӣ таҷҳизотро харидорӣ ва насб намуд, ки дар натиҷа имконияти омӯзонидани кормандон ва донишҷӯён ба тайёр намудани таомҳои халқҳои ҷаҳон пайдо шуд.**





**Барои ташкили курси тайёр намудани хӯрокҳои халқҳои ҷаҳон мутахассиси ташкилоти олмонии SES Георг Мэдинг (Олмон) ҷалб карда шуд. Тайи рӯзҳои 13 апрел - 5 майи соли 2018 аз рӯи барномаи таҳияшуда, дар ҳаҷми 64 соат 8 нафар омӯзгорону кормандон ва 12 нафар донишҷӯёни факултети муҳандисӣ -технологӣ ба курси тайёр намудани хӯрокҳои халқҳои ҷаҳон таҳти роҳбарии мутахасиссиси байналмилалӣ Георг Мэдинг ҷалб карда шуданд.**



